УДК:664.7

# ТАҲЛИЛИ САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛ ВА КОРКАРДИ КОРХОНАИ ЧОЙИ ҚОҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бобоазиззода Ш.А.-** н. и. и., **Ахмедов Д.Х.,** н.и.и., дотсент, ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур, **Арзиқулов Ш.Д.,** ассистенти ДДД.

***Калимаҳои калидӣ:*** *саноатикунонӣ, чойи қоқ, маҳсулот, сохтмони корхона, рушди иқтисодиёт, коркард ва ғайра.*

Ба шарофати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери сиёсати устуворонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон анъанаҳои миллии мардуми тоҷик эҳё гардида, соҳаҳои гуногуни саноати ҷумҳурӣ ҳамасола рушд меёбад.

Яке аз самтҳои ҳаётан муҳими соҳаро истеҳсолот ва коркарди чой ташкил медиҳад.Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018. № 451 дар бораи тасдиқ намудани меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар як сол танҳо чойи қоқ дар ҳаҷми 1,8-2 кг зарур мебошад.

Яке аз ҳадафии асосии кишвар, ки барои рушди иктисодии ҷумҳурӣ беназир аст ин саноатикунонии кишвар алалхусус сохтмони корхонаи коркарди ҷойи қоқ дар ҷумҳурии азизамон-муаяйнкунандаи саноати кишвар дар арсаи байналмилалӣ баҳисоб меравад.

Ҳалли ин масъала ба бунёд ва рушди корхонаҳои санаотӣ барои коркарди чойи қоқ мебошад.

Саноатикунонии кишвар ин рушди иқтисодии давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ ва берунӣ ва бехатарии озуқавории кишварро ба роҳ монда, барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст.

Аз рӯйи таҳлилҳо муайян аст, ки ташкил ва тараққӣ додани корхонаи чойи қоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи стандартҳои мавҷуда фаъолият намекунад.

Сохтмони корхонаи коркарди чойи қоқ ин барои расидани ба яке аз ҳадафҳои саноатикунонии кишвар мусоидат хоҳад кард. Мо наметавонистем, ки коркарди чойро дар ватанамон ба роҳ монем. Аз ин рӯ бо боварии комил гуфтан ҷоиз аст, ки мо метавонем дар тӯли солҳои наздик пурра бо чойи қоқи ватанӣ, ки коркарди он дар Тоҷикистони азизамон мавҷуд аст, мардуми шарифи Тоҷикистонро таъмин намоем. Ва то аз ин холат ба ҳолати дигар гузаштан дар давраи рушди иқтисоди кишвар мо метавонем маҳсулоти зикршударо аз Ҳиндустон, Шри-Ланка ва Хитой барои ободи ва ба кишвари рушдкунандаи саноатикунонидашавандаи Тоҷикистонро табдил диҳем.

Масъалаҳои дар боло зикргардида имкон медиҳад, ки дар бозор маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва дорои сифати баланд барои аҳолӣ пайдо гардад.

Таҷрибаи аксар корхонаҳои чойи қоқ дар давлатҳои мухталиф собит менамоянд, ки чойи қоқ намуди нисбатан самараноки тиҷорат ба ҳисоб меравад.

Сохтмон ва ташкил ба тараққи додани корхонаи чойи қоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳҳои ба истеҳсолоти ҷорӣ намудани миқдори намудҳои чойҳои шифобахш *(бо маслиҳати соҳаи тандурустии кишвар муайян намудан лозим)* барои таъмин намудани аҳолии кишвар бо маҳсулот. Бо роҳҳои паст намудани арзиши хастии маҳсулот бо нархҳои нисбатан паст ба фурӯш баровардани он дар бозорҳои мамлакат мебошад.

Сохтмон ва тараққӣ додани корхонаҳои чой бо роҳҳои ба истеҳсолот ҷорӣ намудани миқдори намудҳои чойҳои шифобахш барои таъмин намудани аҳолии кишвар бо маҳсулот (чой). Бо роҳҳои паст намудани арзиши аслии маҳсулот бо нархҳои нисбатан паст ба фурӯш баровардани он дар бозорҳои мамлакат ба роҳ монда мешавад. Паст

намудани сатҳи камбизоатии мардум дар кишвар бо роҳи амали гардонидани корхонаи чойи қоқ баланд бардоштани даромаднокии корхона. Ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, махсусан барои занон ва нафақахӯрон. Ҷорӣ намудани таҷҳизотҳои нави ҳозиразамон дар истеҳсолот.

Бо вуҷуди ин, бе истеъмоли чунин маводҳо низ метавон ҳамеша солим монд, дар сурате, ки ҳамарӯза доруҳои солимгардониро истеъмол намуд. Чойи солимкунандаи **«Корхонаи бунѐдшаванда»** дорои хусусиятҳои шифобахшӣ мебошад, ба туфайли растании хӯч, ғубайро ва эхинатсея. Ҳамаи ин растаниҳо дар таркиби худ витаминҳои гуногун ва фоидабахшро доро мебошанд. Хӯч раванди таҷдидро дар организм баланд мебардорад ва муқовимати онро ба таъсирҳои манфии муҳити атроф баланд мебардорад, ғубайро ва эхинатсея бошад, қобилияти зиѐд намудани қувваҳои ҳифозатии табии организмро баланд мебардорад.

Гиѐҳчой дар таҷҳизоти технологияҳои байналмилалии итолиявӣ, (ИМА 750, 850, 1300 ва РТ-90) истеҳсол карда мешавад, ки онро хушку майда менамояд, мебезад, ашѐи хомро омехта карда, бармекашад ва бе расонидани осеб ба муҳити зист бастабандӣ менамояд. Дар таркиби гиѐҳчой танҳо ашѐҳои табии растаниҳои баландсифат, ки дар тамоми шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон парвариш ѐфтаанд дохил мешаванд ва бастабандӣ бошад, иҷро шуда, ба назар дилписанд мебошанд.

Ҳамин тариқ, ҳадафи таҳияи нақшаи тиҷоратӣ коркарди он ба ҳисоб меравад бо роҳи расидан ба ҳадафҳои асосии зерин:

• ҷалб намудани таваҷҷуҳ ва ҳавасмандгардонии корхонаи аниқ, иттилоъ додан дар бораи хусусиятҳои фоидабахшии гиѐҳчой;

• таҳияи барномаи истеҳсолии корхона бо роҳи муайян намудани таҷҳизоти зарурӣ, ашѐи хом, қувваҳои корӣ, даромадҳо ва хароҷотҳо;

• сифати банақшагирӣ ва идоракунии истеҳсолот дар сатҳи олӣ мебошад;

• гиѐҳчой дар таҷҳизоти замонавӣ истеҳсол карда мешавад, ки бо технологияҳои муосир ва самаранок кор мекунад ва ба муҳити атроф зарар намерасонад;

• бозори фурӯши маҳсулот ‟ дорухонаҳо, бозорҳо ва мағозаҳои шаҳру ноҳияҳои кишвар, ки барои мизоҷон хеле қулай мебошанд, зеро онҳо бисѐр вомехӯранд ва аз ҷониби мизоҷон ташрифовар мебошанд;

• одамон кӯшиш менамоянд масунияти худро баланд бардоранд, инчунин саломатии худро хуб нигоҳ доранд. Ин хоҳиш пурра таъмин карда мешавад, зеро ин намуди гиѐҳчой ҳам бомазза ва ҳам фоидаовар аст.

• илова бар ин, ҳангоми фурӯши самаранокии чой истеҳсоли дигар намудҳои гиѐҳчой ба нақша гирифта шудааст: барои меъда, гурда, зидди фишорбаландӣ, барои ҷигар, инчунин гиѐҳчойҳо барои харобшавӣ ва тозакунии организм, ки талаботи назаррасро ба ин маҳсулоти корхона баланд мебардорад.

Ин маҳсулот тавассути рекламаҳои чопӣ ва берунӣ, шабакаҳои электронӣ, расонаҳо, лавҳаҳо дар нақлиѐтҳо ва дорухонаҳо фаъолона пешниҳод карда мешавад. Корҳои рекламавӣ асосан тавассути васоити ахбори умум дар сатҳи минтақавӣ гузаронида мешаванд.

Ҳамаи ҷанбаҳои истеҳсолотро омӯхта, тарафҳои пурқувват ва заифии маҳсулот, инчунин афзалиятҳо ва камбудиҳои корхонаро омӯхта, бозори фурӯш ва рақибон, ҳамаи асосҳои банақшагирии тиҷоратиро барои корхона таҳлил намуда, ҳисоб намудем, аз ин ҳосил мегардад, ки истеҳсоли гиѐҳчой хеле самаранок ва зиѐд фоидаовар мебошад.

Бозорҳои асосии фурӯши маҳсулот ‟ дорухонаҳо, бозорҳо ва мағозаҳо. Сатҳи талабот ба таври зерин ҳисоб карда мешавад:

Мувофиқи маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 9,2 млн нафар зиндагӣ мекунанд. Назарсанҷиҳо миѐни аҳолӣ гузаронида шуд ва муайян гардид, ки ҳар як оила дар кишвар омодааст, ки гиѐҳчойро харидорӣ намояд.

**Ҳисобкуниҳо тибқи нишондиҳандаҳои пешгӯӣ гузаронида шудаанд:**

9 2 00 000: 4 = 2 300 000 оилаҳо дар кишвар

2 300 000 х 2 =4 600 000 қуттӣ чой дар як моҳ харидорӣ карда мешавад.4 600 000 х 12моҳ =55 200 000 қуттӣ чой дар як сол харидорӣ карда мешавад Дараҷаи пасти қонеъ гардонидани эҳтиёҷот бо он маънидод карда мешавад, ки баъзе оилаҳо ба чойҳои табобатӣ ва баъзе дигарҳо ба чойҳои хуштаъм эҳтиёҷ доранд. Афзалияти **«Корхонаи бунёдшаванда»** дар он аст, ки гиёҳчой дорои маззаи гуворо ва ҳамзамон таъсирнокии табабатӣ дорад.

Аз рӯи ҳисоботи оморӣ аҳолии ҷумҳурӣ тақрибан ба 9,2 млн нафар баробар аст. Ин талабот ба маҳсулоти чой рӯз аз рӯз авҷ гирифта истодааст. Яъне аҳолии кишвар қариб пурра ба чойи қоқ ниёз дорад. Чунки дар кишвар то имрӯз корхонаи "чойи қоқ" бо технологияҳои байналмилалии итолиявӣ, ("ИМА 750, 850, 1300") ки он метавонад дар як соат то 222 кг чойро кордкард мекунад ва техникаи дигар РТ-90, ки ин мошинаи коркарди чой метавонад дар як соат 360 кг чойро бо сифати баланд ва стандартҳои байналмилалӣ коркард менамояд мухтоҷ аст.

Аз ин лиҳоз, истеъмоли чойи қоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи зиёд дошта, сохтмони корхонаи мазкур барои рушди саноатикунонии ҷумҳурӣ самараи хуб медиҳад.

Дар кишвари мо, ки то имруз корхонаи азим ва бо технологияи муосир барои коркарди заводи чойи қоқ нест ва мо наметавонистем, ки истеҳсоли чойро дар ватанамон ба роҳ монем. Аз ин рӯ бо боварии комил гуфтан ҷоиз аст, ки мо метавонем дар тӯли 10 соли дигар пурра бо чойи қоқи ватанӣ, ки истеҳсол ва коркарди он дар Тоҷикистони азизамон аст мардими шарифи Тоҷикистонро таъмин намоем. Ва то аз як холат ба ҳолати дигар гузаштан дар давраи рушди саноатикунонии кишвар мо метавонем аз маҳсулоти зикршударо аз Ҳиндустон, Шри-Ланка ва Хитой барои ободӣ ва ба кишвари рушдкунандаи саноатӣ табдил диҳем.

Бо маслихати мутахассисони соҳаи тандурустӣ барои муайян намудани чойи қоқбо иловагии мева ва гиёҳҳои шифобахши ватанӣ мо метавонем зиёда 90 намуди чойи қоқро коркард намуда ба истеъмоли мардум расонем.

Корхонаи зикргардида дорои 3 ҷой барои нигаҳдории чой қоқ дошта бошад, ки масоҳати он 15 000 м квадратӣ бошад. Дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. – Сохтан ва ба истифодадиҳии заводи чойи қоқ**

| № | Номгӯи корхона | Воҳиди ченак | Масоҳати сохтмон | Миқдор | Нархи 1 м² (сомонӣ) | Маблағи сохтмон (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Сохтмони заводи чойи қоқ | м² | 15000 | 2 | 992 | 29760000 |

**Сарчашма: Таҳлили омухтаи муаллиф.**

**Ҷадвали 4. – Хароҷот барои хариди қувваи барқ сузишворӣ ва равағанҳои молидани дар солҳои 2021 - 2022**

| № | Номгуй | Воҳиди ченак | Нарх (сомонӣ) | 2021 | | 2022 | | 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Миқдор | Маблағ | Миқдор | Маблағ | Миқдор | Маблағ |
| 1. | Қувваи барқ | кВт/с | 0,30 | 191083 | 60000 | 192000 | 60288 | 193000 | 60602 |
| 2. | сузишворӣ дизелӣ | Литр | 5,20 | 7300 | 37960 | 7400 | 38480 | 7440 | 38688 |
| 3. | Бензин | Литр | 5 | 5840 | 29200 | 60000 | 30000 | 6050 | 30250 |
| 4. | Равгани молиданӣ | Литр | 8 | 1300 | 10400 | 1300 | 10400 | 1300 | 10400 |
| | Ҷамъ | | | | **137560** | | 139168 | | 139940 |

**Ҷадвали5. – Шумораи коркунон ва фоизи музди меҳнат**

| № | Вазифаҳо | 2021 | | | 2022 | | | 2023 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Миқдор | Музди миёнаи моҳона (сомонӣ) | Ҳамагӣ дар 1 с ол (сомони) | Миқдор | Музди миёна (сомонӣ) | Ҳамагӣ дар 1 сол (сомонӣ) | Миқдор | Музд и миён а (сомо нӣ) | Ҳамагӣ дар 1 сол (сомонӣ) |
| 1. | Директор | 1 | 1500 | 18000 | 1 | 1500 | 18000 | 1 | 1700 | 20400 |
| | Муовини директор | 1 | 1500 | 18000 | 1 | 1500 | 18000 | 1 | 1700 | 20400 |
| 2. | Сармуҳосиб | 1 | 1200 | 14400 | 1 | 1200 | 14400 | 1 | 1500 | 18000 |
| 3. | Муҳосиб | 3 | 500 | 12000 | 3 | 500 | 12000 | 3 | 500 | 12000 |
| 4. | фарош | 6 | 500 | 14400 | 6 | 400 | 14400 | 6 | 500 | 18000 |
| 5. | Электрик | 2 | 400 | 8400 | 2 | 400 | 8400 | 2 | 400 | 9600 |
| 6. | Духтур оид ба гигиенаи чой | 2 | 400 | 4800 | 2 | 350 | 4800 | 2 | 500 | 6000 |
| 7. | Коргари одӣ | 60 | 500 | 360000 | 60 | 500 | 360000 | 60 | 500 | 360000 |
| 8. | Ронанда | 5 | 500 | 30000 | 5 | 500 | 30000 | 5 | 500 | 30000 |
| 9. | Ҳимоятгар | 6 | 500 | 36000 | 6 | 500 | 36000 | 6 | 500 | 36000 |
| 10 | Таблиғгар | 1 | 600 | 7200 | 1 | 600 | 7200 | 1 | 600 | 7200 |
| | Ҷамъ | 88 | | 523200 | 88 | | 523200 | 88 | | 523200 |

**Сарчашма: ҳисоби муалиф бо дурнамоиҳо**

**Ҷадвали 6. – Хароҷотҳои умумӣ**

| № | Нишондиҳанда | Миқдор | Маблағ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Мошина барои коргарди чой ИМА 750 | 3 | 1 200 000 000 |
| 2 | Мошина барои коргарди чой ИМА 850 | 2 | 1 000 000 000 |
| 3 | Мошина барои коргарди чой ИМА 1300 | 1 | 1 000 000 000 |
| 4 | Машина барои чой | 2 | 100 000 |
| 5 | Мошина барои коргарди чой РТ-90 | 1 | 400 000 |
| 6 | Кондитсионер | 3 | 20 000 |
| 7 | Камера барои насб | 6 | 5000 |
| 8 | Араматҳо | 1000 (литр) | 40000 |
| 9 | Боргаҳи чой | 10000 | 200 000 |
| 10 | Компютер ва принтер | 2 | 10 000 |
| 11 | Бастаи чой, бонкачаҳо | 500 000 | 750 000 |
| 12 | Мизи курси | - | 30 000 |
| 13 | Таблиғот | - | 20 000 |
| 14 | Автомобилҳо ва ароба | 4 | 140 000 |
| 15 | Сохмони иншоот | 2 | 29760000 |
| 16 | Дигар хароҷот | - | 700 000 |
| 17 | Ҷамъ | | 3 232 175 000 |

**Сарчашма:Ҳисобҳои тахминии муаллиф.**

Навъҳои пешниҳодшудаи ашёи хоми доруворӣ аз минтақаҳои кишвар аз ҷиҳати экологӣ тоза омалӣ карда мешавад.

Барои **«Корхонаи бунёдшаванда»** зербахши истеҳсолии корхона омодагардонии қисматҳоро барои гиёҳчойҳо (ашёи хоми растаниҳои шифобахш, мева ва буттамеваҳо) амалӣ месозад.Ҷадвали 7. – Нақшаи фаъолияти маркетингӣ

Сохтори ташкилии асосии корхона - сохтори содатарини ба корхонаҳои хурд, ки бо як тиҷорат машғуланд, нигаронида шудааст. Дар сохтори мазкур ҳамаи вазифаҳои зарурии идоракунӣ танҳо аз ҷониби роҳбари асосӣ иҷро карда мешавад. Ин ба он оварда мерасонад, ки дар сохтори мазкур ҳуқуқ ва вазифаҳо ба таври равшан тақсим карда шудаанд, кормандон танҳо ба як роҳбар тобеъ мебошад.

| № р/т | Таҳияи савол ҳангоми тадқиқоти иншоот ва ѐ усулҳои таҳлили он | Хусусиятҳо ва арзѐбии ҳолати воқеии кор | Таҳлили вазъияти кор, арзѐбии нишондиҳандаҳои он ва амалҳо ҷиҳати беҳтар кардани он |
|---|---|---|---|
| 1 | То чӣ андоза нархҳо харочотҳои корхонаи шумо, рақобатпазирии маҳсулот, талабот ба онро инъикос мекунанд? | Нархҳо пурра харочоти корхона, рақобатпазирии маҳсулот ва талаботро инъикос мекунанд | Сатҳи нархҳоро нигоҳ доштан, барои он ки харочоти корхона, рақобатпазирии маҳсулот ва талабот ба он пурра инъикос карда шавад. |
| 2 | Таассури эҳтимолии харидорон барои баланд бардоштани (пастшавии) нархҳо чи гуна аст? | Ҳангоми болоравии нархҳо аксарияти мизочон харидорӣ намудани ин маҳсулотро идома медиҳанд ва бо коҳиши нархҳо бошад, шумораи мизоҷон афзоиш хоҳад ѐфт, яъне талабот чандир аст. | Кӯшиш намудан лозим аст, ки мизоҷони доимиро пайдо намоед ва онҳоро бо болоравии нарх аз даст надиҳед, яъне. амалҳои худро барои беҳтар намудани қобилияти чандирии талабот равона созед. |
| 3 | Чӣ тавр харидорон сатҳи нархи маҳсулоти корхонаи шуморо арзѐбӣ мекунанд? | Сатҳи нархҳо аз ҷониби харидорон мусбат арзѐбӣ карда мешавад, мизочон омодаанд, ки бо ин нарх маҳсулотро харидорӣ намоянд | Кӯшиш намудан лозим аст, ки имкониятҳои мизоҷон мутобиқ карда шаванд. |
| 4 | Чӣ тавр мизоҷон сатҳи нархҳои маҳсулоти корхонаи шуморо арзѐбӣ менамоянд? | Сатҳи нархҳо аз ҷониби харидорон мусбат арзѐбӣ мегардад, мизоҷон омодаанд маҳсулотро бо нархҳои муқарраршуда харидорӣ намоянд. | Кӯшиш намудан лозим аст, ки имкониятҳои мизоҷон мутобиқ карда шаванд. |
| 5 | Оѐ аз ҷониби корхона сиѐсати нархгузории ҳавасмандгардонӣ истифода урда мешавад? | Сиѐсати нархгузории ҳавасмандгардонӣ истифода бурда намешаванд | Гузаронидани аксияҳое, ки талаботро ба маҳсулот зиѐд мекунанд, пешбинӣ карда мешавад: ҳангоми хариди 2 қуттӣ, дуюмаш-тухфа карда мешавад. |
| 6 | Оѐ аз ҷониби корхона сиѐсати нархгузории стандартӣ истифода бурда мешавад? | Сиѐсати нархгузории стандартӣ истифода бурда намешаванд. | Ҷорӣ намудани сиѐсати нархгузориҳои ҳавасмандгардонӣ пешбинӣ карда мешавад |
| 7 | Корхона чӣ гуна амал мекунад, вақте рақибон нархҳоро тағйир медиҳанд? | Ҳангоми баланд намудани нарх ва ҳам паст намудани он аз ҷониби рақибон, корхона нархро тағйир намедиҳад. | Бо баланд ва/ва ѐ паст шудани нархи рақибон, гузаронидани аксияҳоро, ки талаботро барои маҳсулоти ман баланд мебардоранд пешбинӣ карда шудааст, ҳамчунин коҳиши нарх ҳангоми харидани як қисми зиѐди мол. |
| 8 | Оѐ нархҳои корхонаи шумо ба харидорони эҳтимолӣ маълум мебошанд? | Нархҳо барои маҳсулот маълум аст, зеро тавассути воситаҳои ахбори омма, фаъолияти рекламавӣ, буклетҳо сурат мегиранд | Таъсиси сомонаи корхона, фаъолиятҳои рекламавӣ пешбинӣ карда шудааст. |

Сохтори ташкилӣ сохтори диаграммавии корхона мебошад, ки дар он воҳидҳои зербахшҳо ва тамоми низоми тобеӣ қайд карда шудаанд. Он ба тиҷорат - равандҳо равона карда шудааст ва ҳадафро тасвият мекунад. Сохтор барои идоракунии тиҷорат-равандҳо равона карда шудааст, дастаҳои корӣ таъсис дода шудаанд, ки бо ҳамаи мутахассисони зарурӣ таъмин буда, барои тамоми раванд масъуланд, на барои қисматҳои алоҳидаи он вобаста ба ихтисосҳои техникии онҳо.

Ҳамин тариқ, сохтори ташкилӣ пурра ба хусусиятҳои фаъолияти зербахшҳо мутобиқат менамояд.

**Ҷадвали 8. – Хавфҳои молиявӣ - иқтисодӣ**

| Намудҳои хавф | Таъсири манфӣ ба фоида |
|---|---|
| Тағйирёбии талабот | Коҳишёбии талабот бо болоравии нархҳо |
| Пайдоиши маҳсулоти алтернативӣ | Пастшавии талабот |
| Афзоиши истеҳсолот аз ҷониби рақибон | Коҳишёбии фурӯш ва ё пастшавии нархҳо |
| Зиёдшавии андозҳо | Пастшавии фоидаи соф |
| Паст гардидани қобилияти харидории истеъмолкунандагон | Пастшавии сатҳи фурӯш |
| Баланд гардидани нархҳо барои ашёи хом, маводҳо, ҳамлу нақл | Коҳишёбии даромад аз сабаби болоравии нархи ашёи хом, маводҳо, ҳамлу нақл |
| Вобастагӣ аз таъминкунандагон, набудани алтернативаҳо | Коҳишёбии даромад аз сабаби болоравии нархҳо |
| Норасоии сармояи корӣ | Афзоиши қарздиҳиҳо ва ё паст шудани ҳаҷми истеҳсолот |
| Ба вуҷуд омадани бӯҳрони молиявӣ | Паст гардидани даромади соф |
| Ҳоисаҳои табиӣ | Ҳосили пасти растаниҳо - набудани ашёи хоми асосӣ |
| Нобудсозии растаниҳо аз тарафи ҳашаротҳо | Набудани ашёи хом |

Хулоса, таҷрибаи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад, ки тақсимоти захираҳо ва маҳсулот маҳдуд метавонад бо се роҳ самаранок амалӣ карда шавад.

- дар бораи худтанзимкунии бозор;
- системаи механизми банақшагирии фаъолияти муносиб;
- бо истифодаи якхелаи бозор ва оғози нақшавӣ;

Бо мақсади татбиқи таҳқиқот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои тавсеаи маркетинги дохилӣ бомуваффақият амалӣ карда шуданд ва нақшаи илман асоснок карда шуда барои баланд бардоштани сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва барои расидани ба яке аз ҳадафҳои саноатикунонии кишвар мусоидат хохад кард, ки дар шароити муосир барои коркарди заводи чойи қоқ нест ва мо наметавонистем, ки истеҳсоли чойро дар ватанамон ба роҳ монем. Аз ин рӯ бо боварии комил гуфтан ҷоиз аст, ки мо метавонем дар тӯли 10 соли дигар пурра бо чойийи қоқи ватанӣ, ки истеҳсол ва коркарди он дар Тоҷикистони азизамон аст мардуми шарифи Тоҷикистонро таъмин намоем. Ва то аз холат ба ҳолати дигар гузаштан дар давраи рушди иқтисоди кишвар мо метавонем маҳсулоти зикршударо аз Ҳиндустон, Шри-Ланка ва Хитой барои ободӣ ва ба кишвари рушдкунандаи саноатикунонидашавандаи Тоҷикистонро табдил диҳем.

Татбиқи таҳқиқот имкон медиҳад, ки дар бозори савдо маҳсулоти аз чиҳати экологӣ тоза дорои сифати баланд барои аҳолӣ пайдо гардад. Татбиқи таҳқиқот **барои бунёди корхонаи коркарди чойи қоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,** имкон медиҳад, ки чойҳои нави корӣ таъсис шавад ва кортаъминкунии аҳолӣ амалӣ гардад.

Бахри татбиқ намудани таҳқиқоти мазкур, тасмим гирифта мешавад, ки нақшаи зиёд намудани иқтидори истеҳсолот бо таваҷҷуҳи ҳаррӯза ба талабот ва пешниҳод иҷро мешавад.

Таҷрибаи аксар корхона ва заводи чойи қоқ дар давлатҳои мухталиф собит менамоянд, ки чойи қоқ намуди нисбатан самараноки тиҷорат ба ҳисоб меравад.
Маҳорат ва уҳдабарои, идоракунии технологияи барои коркарди чой ин муваффақияти тиҷорати-истеҳсолӣ мебошад.

Сохтан ва ташкил ба тараққи додани корхонаи чойи қоқ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон бо роҳҳои ба истеҳсолот ҷорӣ намудани миқдори намудҳои чойҳои шифобахш ба монанди (бо маслиҳати соҳаи тандурустии кишвар муайян намудан лозим) барои таъмин намудани аҳолии кишвар бо маҳсулот (чой). Бо роҳҳои паст намудани арзиши хастии маҳсулот бо нархҳои нисбатан паст ба фурӯш баровардани он дар бозорҳои мамлакат.

**Адабиѐт**


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018.-№451
2. Маликов И. А. Проблемы формирования рынка мяса в Республике Таджикистан/Душанбе, 2007. - С.87
3. Шаропов У. Многотипное сельское хозяйство-приоритетное направление аграрной политики Републики Таджикистан// Международный сельскохозяйственный журнал, 2010. - №5. - С.35-39


## АННОТАЦИЯ
## АНАЛИЗ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОИЗВОДСТВА И ПЕРЕРАБОТКИ ЧАЙНОЙ ФАБРИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В статье рассматривается развитие индустриализации, повышение экономической эффективности, строительства предприятии и переработка в стране, в этой статье приводится опыт многих чайных фабрик в разных странах,что доказывает, что чай - самый прибыльный бизнес.



***Ключевые слова:*** *индустриализация, чѐрный чай, продукты, строительство предприятий, экономическое развитие, переработка и др.*


## АННОТАТСИЯ
## ТАҲЛИЛИ САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛ ВА КОРКАРДИ КОРХОНАИ ЧОЙИ ҚОҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур оид ба масъалаҳои рушди саноатикунонӣ, баланд бардоштани самаранокии иқтисодии маҳсулоти чойи қоқ ва сохтмон ва коркарди чойи қоқ дар кишвар ва бо дар мақолаи мазкур таҷрибаи аксар корхона ва заводи чойи қоқ дар давлатҳои мухталиф собит гардидааст, ки ҷойи кок нисбатан самараноки тиҷорат ба ҳисоб меравад.



***Калимаҳои калидӣ:*** *саноатикунонӣ, чойи қоқ, маҳсулот, сохтмони корхона, рушди иқтисодиѐт, коркард ва ғайра.*


## ANNOTATION
## ANALYSIS OF EFFICIENCY OF PRODUCTION AND PROCESSING OF TEA FACTORY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


This article deals with the development of industrialization, increasing the economic efficiency of prunes and construction and processing of tea-leat in the country, and in this article the experience of many tea-leat and tea factories in different countries proves that coke is the most profitable business.



***Key words:*** *Industrialization, tea-leat, products, enterprise construction, economic development, processing and more.*